# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.01.2025, №54**

Барои сазовор донистани Раҳматов Умед Раҷабович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 12 ноябри соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №68 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд ва дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Раҳматов Умед Раҷабович, соли таваллудаш 01.11.1983, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба ҳайси муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Номбурда соли 2007 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия хатм намудааст.

Раҳматов Умед Раҷабович аз соли 2014 то 2020 дар кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба ҳайси ассистент кор ва фаъолият намуда, аз соли 2020 то ҳол муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Ҳоло мавсуф ҳамчун муаллими калони кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Ӯ аз соли 2017 то соли 2021 унвонҷӯи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ буд.

Мавзуи диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар ҷаласаи шурои олимони факултети молиявию-иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ аз 31-уми марти соли 2020, таҳти суратҷаласаи №8/6 -21 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Файзулло Машраб Курбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодирзода Фарҳод Анвар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Яқубзода Маъруф Садриддин** – доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси - Молия, и.в. дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия хулосаи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии донишгоҳи мазкур таҳия гардида, дар ҷаласаи якҷояи кафедраи молия, менеҷменти молиявӣ ва андозбандӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №5/А, аз 20.12.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон д.и.и., дотсент Асрорзода У.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст. Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқарраршуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳматов Умед Раҷабович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 23 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Раҳматов У.Р. Омилҳои ба ҳавасмандгардониҳои сармоягузорӣ таъсирбахш [Матн] / Раҳматов У.Р. //Кишоварз, ДАТ. – Душанбе: Матбааи «Фархунда М», 2019. -№ 4(85). -С. 213-216. ISSN 2074-5435.

**[2-М].** Раҳматов У.Р. Ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоти сармоягузориҳо [Матн] / Раҳматов У.Р. //Паёми ДМТ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. - №10. Қисми 2. -С.235 - 239. ISSN 2413-5151

**[3-М].** Раҳматов У.Р. Таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаҳои вилояти Хатлон [Матн] / Раҳматов У.Р. //Паёми ДМТ.– Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. - №4. -С.63 - 67. ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Раҳматов У.Р. Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он [Матн] / Файзулло М.Қ., Раҳматов У.Р. //Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ, 2022. - №4/1(58).- С.15-22. ISSN2664-0651.

**[5-М].** Раҳматов У.Р. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳо [Матн] / Раҳматов У.Р. // Паёми ДДТТ- Душанбе: Матбааи “Тоҷир”, 2022.- №4/2 (44).-С.28-34. ISSN 2308-054X.

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[6-М].** Раҳматов У.Р. Воридоти сармоя аз давлатҳои хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Раҳматов У.Р. /Маводи конф. ҷумҳур. илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ», (27/28.05. 2016). -Кӯлоб: ДДК, 2016. -С. 455-457 (569 с.).

**[7-М].** Раҳматов У.Р. Нақши татбиқи технологияи муосири иттилоотӣ дар пешбурди фаъолияти самарабахши мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Раҳматов У.Р. // Паёми ДДК. – Кӯлоб: Матбааи «Промекспо», 2016. –2(15). -С.98 - 101 (232 с.)

**[8-М].** Раҳматов У.Р. Нақши сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар рушди иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Раҳматов У.Р. /Маводҳои конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявии дар мавзуи «Муаммоҳои таъмини рақобатпазирии институтҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт», (7 .12.18).- Душанбе: ДДМИТ, 2018. – С. 84-86 (191с.).

**[9-М].** Раҳматов У.Р. Таъсири сармоягузории хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаҳои вилояти Хатлон [Матн] Раҳматов У.Р., Талбаков Л.Қ. / Маводи конф. илмӣ- амалии ҷумҳуриявии дар мавзуи «Саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: натиҷа ва дурнамо», (26.05.18). – Душанбе: ДДМИТ,2018. – С. 69-75(234 с.).

**[10-М].** Раҳматов У.Р. Рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилотҳо ва роҳҳои ҳалли он [Матн] Раҳматов У.Р., Талбаков Л.Қ. /Матер. респ. научно-практ. конф. на тему «Формирование кластерной политики как основы инновационной ориентированности и конкурентоспособности региона». – Куляб: ДДК, 2018. – С. 209-211(302 с.).

**[11-М].** Раҳматов У.Р. Сабабҳои ба хавф дучор шудани бонкҳо ва роҳҳои пешгирии хавфи бонкӣ [Матн] Раҳматов У.Р., Назаров М. /Маводи конф. илмӣ-амалии ҷумҳур. дар мавзуи «Ҳолати низоми бонкии ҶТ дар шароити буҳрони молиявӣ», (28.10.17).- Душанбе: ДМИТ, 2017. - С.125-128 ( 210 с.).

**[12-М].** Раҳматов У.Р. Самаранокии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Раҳматов У.Р. /Маводи конф. ҷумҳур. дар мавзуи «Нақши ваҳдати миллӣ дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон», (24.06.17). – Кӯлоб: ДДК, 2017. -С.173-179 (242 с.)

**[13-М].** Раҳматов У.Р. Таҳқиқи омории сармоягузорӣ дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Раҳматов У.Р. /Маводи конф. илмӣ-амалии ҷумҳур. дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами омори соҳавӣ дар ҶТ: ҷанбаҳои методӣ ва методологӣ», (31.03.2018). -Душанбе: ДДМИТ, 2017. -С. 70-74. (182 с.)

**[14-М].** Раҳматов У.Р. Таҳлили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди иқтисоди миллӣ [Матн] Раҳматов У.Р., Талбаков Л.Қ. /Маводи конф. илмӣ- амалии ҷумҳур. дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами

ҳисобдорӣ, таҳлил, аудит ва омор дар Тоҷикистон», (23.12.17). – Душанбе: ДДМИТ, 2017. – С. 111-114. (243 с.) 30

**[15-М].** Раҳматов У.Р. Сармоягузорӣ яке аз бахшҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ [Матн] /Раҳматов У.Р./Маводи конф. илмӣ- назариявии ҳайати професорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба оғози Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «140-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ (27/28.04.18).- Кӯлоб: ДДК, 2018. -С.75-76. (204 с.)

**[16-М].** Рахматов У.Р. Проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие экономики Республики Таджикистан [Текст] / Рахматов У.Р. / Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Институциональные основы формирования инновационной экономики Республики Таджикистан». - г.Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 370-376 (415 с.)

**[17-М].** Раҳматов У.Р. Ҷалби воридоти сармояи хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Раҳматов У.Р. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус», (11.12.21). – Кӯлоб: ДДК, 2021. -С.460-463. (571с.)

**[18-М].** Раҳматов У.Р. Роҳҳои ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Раҳматов У.Р., Талбаков Л.Қ. /Маводи конф. илмӣ- амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Ташаккули модели инвеститсионии рушди Тоҷикистон», (14.12.18). –Душанбе: ДДМИТ, 2018. -С.103-105 (376 с.).

**[19-М].** Раҳматов У.Р. Нақши сармоягузорӣ дар рушди соҳаи кишоварзии минтақаҳои вилояти Хатлон [Матн] /Раҳматов У.Р. / Маводҳои конф. илмӣ –амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами идоракунии молияи давлатӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ», (07.12.19). - Душанбе: ДДМИТ, 2019. -С.125-128.

**[20-М].** Раҳматов У.Р. Сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] /Раҳматов У.Р. / /Маводи конф. илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Тоҷикистон: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо», (01/02.12.17). – Душанбе: ДБССТ, 2017. – С. 163-168 (276 с.).

**[21-М].** Раҳматов У.Р.Таъсири сармоягузориҳои давлатӣ ва хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Раҳматов У.Р., Талбаков Л.Қ. / /Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ- амалии дар мавзуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир», (25.11.22.). -Душанбе: ДМТ, 2022. -С.295-298(430 с).

**[22-М].** Раҳматов У.Р. Сармоягузорӣ ва таъсири он дар рушди соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] /Раҳматов У.Р. /Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ», (19/20.12.23).-Кӯлоб:ДДК, 2023.-С.630-633 ( 839 с.).

**[23-М].** Раҳматов У.Р. Таҳлили воридоти сармоя аз давлатҳои хориҷи кишвар ба иқтисодиёти кишвар [Матн] /Комилов Н.Б., Раҳматов У.Р., Назаров М. /Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои таҳлили иқтисодии комплексии нишондиҳандаҳои рушди босуботи корхона ва таъминоти ахборотии онҳо», (23-24.12.16). – Душанбе, 2016. -С. 169-171(385 с.).

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Бобоҷониён Даврон Дадоҷон- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферат омилҳои таъсирбахш ба механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таҳқиқ гардида, тариқи расм инъикос шудааст, аммо бисёр хуб мебуд ҳар як омил пурратар шарҳ дода мешуд.

2) Муаллиф дар боби дуюм таҳлили қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллии вилояти Хатлонро мавриди таҳлил қарор додааст, аммо бисёр хуб мебуд масъалаи субсидияҳои ҷумҳуриявиро низ дар ин қисмат ҷой мекард.

**2. Зубайдов Сайдаҳмад -доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи тиҷоратии Тоҷикистон эродҳо гирифтааст. (1)** Муаллиф дар автореферати худ рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузориро аз ҷониби бахши хусусӣ дар вилояти Хатлон (ҷадвали 6) таҳия карда аст, аммо таҳқиқ нагардидааст, ки бахши хусусӣ дар рушди сармоягузории вилоят чӣ аҳаммият дорад; (2) Бисёр бамаврид мебуд, дар боби сеюми таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ягон модели консептуалии такмили механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон таҳия карда мешуд.

**3. Досиев Маҳмадшоҳ Назарович- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эрод:** Дар автореферат сохтори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо (расми 2) дарҷ гардидааст. Хуб мешуд, агар муаллиф механизми рақамикунони молиявиро пешниҳод менамуд.

**4. Холов Тоҷиддин Азизуллоевич номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Муассисаи Давлатии Таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар” ба номи Носири Хусрав бо чунин эрод:** Муаллиф вазъи кунунии сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлонро (расми 3) таҳлил кардааст, аммо маълум нест, ки таи солҳои таҳлилшуда ба кадом соҳа бештар сармоягузорӣ бештар шудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

-***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шуда механизми молиявии танзими ҳавасмандиҳои фаъолияти сармоягузориҳо дар вилоят таҳқиқ гардида, исбот шудааст, ки ин механизм иборат аз роҳҳо ва навъҳои васоити идоракунии захираи молиявӣ, усулҳо, воситаҳо, фишангҳо, ҳавасмандкуниҳо ва таҳримҳои молиявӣ, дастгирии иттилоотӣ мебошад.

- ***таърифи муаллифии*** сармоягузорӣ, яъне ба васоити асосӣ ва гардон гузоштани сармоя дар вақт ва замони мушаххас барои ҳама гуна шаклҳои амали соҳибкорӣки ҳадаф аз он фоида гирифтан мебошад., дода шуда, зери маънои сармоягузорӣ ин барои ташаккул ва рушд додани фондҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва рушди соҳаи иҷтимоиёт равона шудани он махсус зикр шудааст.

- ***омилҳои ба сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсирбахшва ошкор шудаанд:*** Муҳаққиқ таҳқиқ намудааст, ки омилҳои ба механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсиррасонро дар намуди умумӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст: 1) Ба омилҳои хусусияти субъективидошта ин ширкатҳо ва корхонаҳои дохилию хориҷӣ, кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналхалқии молиявӣ дохил мешавад; 2) Ба омилҳои хусусияти объективидошта вуҷуд доштани захираҳои энергетикӣ ва ашёи хом, мавқеи географӣ, табиат, иқлим, нишондиҳандаҳои демографӣ, илмӣ-техникӣ, меҳнатӣ, рушди инфрасохтори бозор, инфрасохторӣ, иқтидори бозорҳои берунӣ ва дохилии фурӯши маҳсулот, муҳити рақобатпазирӣ, вуҷуд доштани сармояи хориҷӣ, пурмаҳсулии робитаҳои байнихоҷагӣ, омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ (сатҳи зиндагии аҳолӣ, омилҳои сиёсӣ, музди меҳнат, хизматрасонии тиббӣ, самаранокии қабули қарорҳо, муносибат бо сармоягузорони хориҷӣ, самаранокии фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, дастрасии иттилоот);омилҳои молиявӣ ва қарзӣ (дастрасии захираҳои молиявӣ аз буҷет, бо воситаҳо ба ҳар сари аҳолӣ, таъминнокии фондҳои ғайрибуҷетӣ, меъёри фоизи бонкҳо, дастраси ба қарз, вазни қиёсии қарзҳои дарозмуддат, ҳаҷми пасандозҳо ба сари аҳолӣ) ва ғайра баҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва хусусиятҳои механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон ҳамчун асосҳои усулӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки муқаррароти илмӣ оид ба беҳтаргардонии кори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он тақвият дода шаванд.

- ***исбот шудааст,* ки** механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо ин самаранок истифода бурдани маблағҳо аз буҷет, истифодаи ҳадафноки қарзҳои бонкӣ, фондҳои вижаи давлатӣ, чопи коғазҳои қиматдори давлатӣ ва фурӯши онҳо, истифодаи ҳадафноки грантҳо, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки кишвар мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

-***гояи*** он, ки сармоягузорӣ дар доира ва бахшҳои мухталифи иқтисод оқилонаю самаранок истифода бурда шавад, таснифоти илман асоснокшудаи) сармоягузориҳо лозим аст, ***исбот гардидааст*** ва ин таснифотҳо аз рӯи аломатҳои таснифотӣ сурат мегиранд.

-***самтҳои*** афзалиятноки сармоягузории вилояти Хатлон таҳлилу арзёбӣ гардида, бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ, махсусан моделҳои қаторҳои вақтӣ дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***методологияи*** ва хусусиятҳои сармоягузорӣ ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ, ҳамчунин унсурҳои фаъолияти сармоягузорӣ таҳқиқ ва мавқеи онҳо дар шаклгирӣ ва тараққии иқтисодиёти кишвар ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он муайяну муқаррар ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

-***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Таҳлили лоиҳаҳои инвеститсионӣ», «Асосҳои молия» ва «Молия, муомилоти пул ва қарз» дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ истифода шудаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 18.09.2024 таҳти №43).** Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи амалӣ аз 13.09.2024 таҳти №01/28).**

-***стратегияи*** дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2025 - 2030 таҳқиқ гардида, муайян карда шуд, ки дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон бармеояд, ки бештар аз ҳама дар соҳаи энергетика то соли 2030 талабот ба сармоягузорӣ зиёд гардида, 106312,8 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил хоҳад дод, нишондиҳандаи мазкур барои соҳаи нақлиёт 73,7%, кишоварзӣ 33,8%, объёрикунӣ 39%, маориф 6,2 %, тандурустӣ 60,8 %сармоягузорӣ афзоиш меёбад.

-***пешниҳод шудааст***, ки дар доираи корхонаҳо, соҳаҳо, вазорату идораҳо масъалаи ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ таҷдид гардида, амсилаҳои навини ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ коркард шавад, ки ба маҳдудияти маъмуриятчигӣ, шаффофият ва ҳавасмандии сармоягузорон асос ёфта, бештар хусусияти фарогирии пешрафти истеҳсолоти воқеии ҷумҳуриро дошта бошанд. Зеро иқтисодиёти вилоят дорои объектҳои ҷаззобу ҷолиби диққати сармоягузорон мебошад, ки ба сармоягузориҳо ниёз доранд ва амалишавии онҳо метавонад боиси

рушди истеҳсолотҳои нав, пайдоиши ҷойҳои нави корӣ ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ гарданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо ***пешниҳод гардидааст,*** ки ба самтҳои зерин ҷудо мешавад: механизмҳои молиявии сатҳи макроиқтисодӣ, механизмҳои молиявии сатҳи мезоиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи муаллиф чунин аст, ки дар ҳудуди ин ё он сохтори идоракунии давлатӣ бо мақсади истифодаи самарабахши лоиҳаҳои сармоягузориҳо ва таъмини молиявии онҳо дар сатҳи вилоят як маркази коркард, таъмини молиявӣ ва амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ташкил дода шавад.

- ***мушкилотҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ*** дар вилоят таҳқиқ карда шудааст, ки муҳимтаринашон ин инкишофи нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ, мавҷуд набудани механизмҳои худсармоягузорӣ, нопурра будани ҳавасмандгардониҳои андозӣ, рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкор, таъсири вазъи сиёсии баъзе кишварҳо барои ҷалби сармоягузорӣ, дурдаст будани бозорҳои калони ҷаҳонии истеъмолӣ аз бозори дохилӣ маҳсуб меёбанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферати он аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат"-и КОА сароҳатан сатҳи онро 80% ва 89, 85% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** 1) Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст; 2) Нақши механизми таъмини сармоягузорӣ дар афзоиши рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлонро муайян карда шудааст; 3) Самтҳои асосии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва вилоятҳои он, аз ҷумла вилояти Хатлонро муқаррар карда шудаанд; 4) дар омода намудани 23 мақола, аз он ҷумла 5-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили иқтидори сармоягузории митақаҳои ҷумҳурӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 2.14, 3.25, 4.7, 4.8, ва 5.2. -и Шиносномаи

ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 17.01.2025 қарори сазовор донистани Раҳматов Умед Раҷабович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, (1 нафар ба тариқи маҷозӣ) аз ҷумла мутахассисон 4 нафар (1 нафар ба тариқи маҷозӣ) аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар (1 нафар ба тариқи маҷозӣ) аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 14 нафар (1 нафар ба тариқи маҷозӣ), «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**17 январи соли 2025.**